**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 52**
**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

## МАВЗУЪҲОИ АСОСӢ:

- **Мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**
- **Омодагӣ ба ҷаласаи навбатии понздаҳуми Шӯрои машваратӣ**
- **Идомаи ислоҳот вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ**
- **Рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ**
- **Тақвияти фаъолияти Шӯроҳои минтақавӣ**
- **Ҳамоиши 5-ум оид ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои минералӣ**
- **Тақвияти ҳамкориҳо бо шарикон ва корҳои тарғиботӣ оид ба натиҷаҳои ислоҳот**

## МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ҚАБУЛНАМУДАИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Боиси тазаккур аст, ки дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ раванди ислоҳоти иқтисодӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ бомаром тақвият ёфта, самараҳои назаррас дода истодаанд.

Қарорҳои дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ аз 17 ноябри соли 2014 қабулгардида ба рушди бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, ҷалби бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти вилояти Хатлон ва тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳо, соддаву осон намудани тартиби ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ, харҷӣ зудтар ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои гирифтани

иҷозати корҳои сохтмонӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ равона шуда буданд.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати иҷрои қарорҳои қабулгардида корҳои муайяне анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати мамлакат аз 31 декабри соли 2014, №788 Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта тасдиқ гардид.

Ҷиҳати идомаи ислоҳот дар бахши суғурта, аз ҷониби гуруҳи кории байниидоравии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав бо назардошти талаботи меъёрҳои байналмилалии суғурта ва тавсияҳои коршиносони байналмилалии соҳа таҳия гардида, ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 ҷиҳати боз ҳам мусоид намудани фазои сармоягузорӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории амалкунанда ба талаботи замони муосир, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” дар таҳрири нав таҳия гардида, ба баррасии ҷаласаи 15-уми Шӯрои Машваратӣ пешниҳод карда мешавад.

Тибқи супориши протоколии ҷаласаи 14-уми Шӯро, Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро мукаммал намуд.

Ҷиҳати рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҶСК “Биржаи фондии –Осиёи Марказӣ” таъсис дода шуд.

ҶСК “Биржаи Фондии – Осиёи Марказӣ” як қатор тавсияҳои худро ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намуд, ки тибқи дастури Ҳукумати мамлакат аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дастгирӣ ёфтанд.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ гурӯҳи кории байниидоравӣ фаъолияти худро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои он бо таҳлилҳои мушаххас ва тавсияҳо ҷиҳати рушди соҳаҳои саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ ба ҷаласаи навбатии Шурои машваратӣ пешниҳод карда мешавад.

Инчунин барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ дар назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор бо ҷалби намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд гуруҳи кории

байниидоравӣ фаъолияти худро идома дода, аз ҷониби он таҳлили бахшҳои мухталифи соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуда истодааст.

Дар назар аст, ки ҳисобот ва тавсияҳои мушаххаси гуруҳи корӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ ба ҷаласаи 16-уми Шуро пешниҳод карда шаванд.

Ҷиҳати иҷрои супориши протоколии ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Роҳнамо барои таъсиси шуроҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат таҳия карда шуд.

Барои татбиқи воқеии низоми "Равзанаи ягона" барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ аз тарафи Кумитаи андоз дар ҳамбастагӣ бо Агентии омор ва Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа масъалаҳои вобаста ба муҳайё намудани заминаи ҳуқуқӣ барои мубодилаи маълумот тариқи электронӣ пурра ба анҷом расонида шуда, бояд бақайдгирии давлатӣ пурра тибқи низоми "Равзанаи ягона" ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади татбиқи принсипи «Равзанаи ягона» оид ба гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ омӯзиши мутахассисони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ба роҳ монда шуда, руйхати таҷҳизоти зарурӣ барои харидорӣ намудан ба Бонки Ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.

Ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми "Равзанаи ягона" барои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, Комиссияи корӣ фаъолияти худро дар самти қабулу супоридани амвол, ҳуҷҷатҳо ва бойгонии сохторҳои қаблӣ ба Корхонаи воҳиди давлатии навтаъсиси «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ҷамъбаст намуд.

Айни замон санадҳои мазкур дар ҷараёни тасдиқ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор қарор дошта, ҷиҳати омӯзиши мутахассисон, таъмини таҷҳизоти компютерӣ, таъсиси бойгонии ягонаи маълумот, ҷудо намудани бино барои сохтори навтаъсисшуда тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2015 истифодадиҳии таҷрибавӣ ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани низоми Равзанаи ягона барои барасмиятдарории амалиёти содиротию воридоти ва транзитиро оғоз намуд.

Инчунин ҷиҳати такмили низоми хадамоти наздисарҳадӣ Хадамоти гумрук бо Бонки Осиёии Рушд ҳамкории самаранокро ба роҳ мондааст, ки идомаи корҳо ҷиҳати таъсиси Равзанаи ягонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва мусоидат ба содироткунандагони маҳсулоти ватанӣ дар назди Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон Бюрои миллии хизматрасонӣ ҷиҳати фаҳмондадиҳии талаботи техникии тиҷорат ва меъёрҳои санитарию фитосанитарӣ таъсис дода шуд. Фаъолияти он ба расонидани кумак ҷиҳати дастрас намудани маълумот оид ба меъёрҳои танзими техникӣ, стандартҳо, расмиёти мувофиқнамоӣ ба талаботи санитарию фитосанитарӣ дар бозорҳои беруна равона карда шудааст.

Бо ташаббуси Президенти мамлакат, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 14 октябр Рӯзи соҳибкор эълон гардида, ҷиҳати таҷлили нахустин солгарди он соли ҷорӣ як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Котиботи Шурои машваратӣ минбаъд низ мониторинги иҷрои дастуру супоришҳо ва қарорҳои протоколии ҷаласаҳои Шӯрои машваратиро идома дода, натиҷаҳои онро пешниҳод менамояд.

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ПОНЗДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Бо мақсади дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани ҷаласаи понздаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маводҳои ҷаласаи навбатӣ ҳамаҷониба таҳлил ва барои баррасӣ аз ҷониби мутахассисони Котиботи Шӯро дар сатҳи баланди таҳлилӣ омода карда шуданд. Аз ҷумла лоиҳаи Рӯзномаи ҷаласаи мазкур таҳия гардида, фарогири масъалаҳои зерин мебошад:

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.

2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ.

3. Пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ».

4. Дар бораи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаиояндаи Шӯрои машваратӣ.

Баргузории ҷаласаи понздаҳуми Шӯрои машваратӣ моҳи июли соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст.

## ИДОМАИ ИСЛОҲОТ ВОБАСТА БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШҲОИ САНОАТ, ДАСТГИРИИ МОЛИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ВАТАНӢ ВА РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ МИЛЛӢ

Санаи 28 майи соли 2015 дар бинои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи 4-уми гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба

беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ баргузор гардид.

Ҷаласаро муовини Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзизода А.Ҳ. (роҳбари гурӯҳи корӣ) оғоз намуда, ба иштирокчиён рӯзномаи ҷаласаро муаррифӣ кард.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Ҷамъбасти рушди соҳаҳои саноат дар чор моҳи соли 2015
2. Баррасии рушди соҳаи саноати маводи сохтмон
3. Баррасии рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ
4. Баррасии лоиҳаи Ҳисоботи Гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсоли миллӣ
5. Гузаронидани семинар–намоишҳо дар мавзуи “Интихоби ман – маҳсулоти ватанӣ”. Мавсуф ҳамзамон қайд кард, ки дар тӯли фаъолияти самараноки худ гурӯҳи корӣ як қатор мушкилоти рушди саноати ҷумҳуриро муайян намуда, барои ҳалли онҳо тавсияҳо омода намудааст. Инчунин оид ба рушди саноат дар 5 моҳи соли ҷорӣ маълумот пешниҳод карда шуд.

Дар ҷаласа ҳамчунин Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Н. Абдуҷаборов баромад намуда қайд кард, ки айни замон ҳисоботи гурӯҳи корӣ ва лоиҳаи Нақшаи-чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ таҳия карда шудааст.

Ҳисобот ва Нақшаи чорабиниҳо дар чор самти саноат, аз ҷумла саноати сабук, маъдан, хӯрокворӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ таҳия гардидааст.

Аз аъзои гурӯҳи корӣ даъват ба амал оварда шуд, ки ҳисобот ва лоиҳаи Нақшаи-чорабиниҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, фикру пешниҳод ва таклифу эродҳои худро нисбат ба он дар кӯтоҳтарин муддат ба гурӯҳи корӣ пешниҳод намоянд.

Дар охир нисбат ба бандҳои алоҳидаи рӯзномаи ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

## РУШДИ МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Санаи 15-уми майи соли 2015, таҳти раёсати Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ Давлаталӣ Саид ҷаласаи дуюми Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаи якуми Шӯро, аз ҷумла лоиҳаҳои «Сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ва шохобҳои он», «Сохтмони Маркази наклиётию логистикӣ» дар ш. Турсунзода,

«Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ», «Сохтмони хати роҳи оҳан» ва «Сохтмони инфрасохтори аввалия» дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» гузориши шахсони муттасадӣ шунида шуд.

Ҳамчунин дар ҷаласа оид ба лоиҳаҳои нави эҳтимолии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз қабили «Сохтмони хати интиқоли барқ дар МОИ Данғара», лоиҳаи «Таъсиси Маркази симулятсионии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва лоиҳаи «Сохтмон, истифодабарӣ ва супоридани Бӯстонсарой» муҳокимаҳо сурат гирифта, гузоришҳои роҳбарони масъул ва муаррифии шарикони рушд манзур гардид.

Сипас, оид ба таъсиси Фонди таҳияи лоиҳаҳои шарики давлат ва бахши хусусӣ, гузориши Котиби Шӯро, директори Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» шунида шуд.

Дар интиҳои ҷаласа вобаста ба масъалаҳои муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

## ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОҲОИ МИНТАҚАВӢ

**15 июни соли ҷорӣ** таҳти раёсати Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт – мӯҳтарам Қодири Қосим, ҷаласаи сеюми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт баргузор гардид.

Қабл аз баррасии масъалаҳои асосии рӯзномаи ҷаласа оид ба қатъ гардидани ваколатҳои собиқ ҳамраисон ва аъзои Шӯро, ҳамзамон ҳамраисон ва аъзои тозаинтихобшудаи Шӯрои машваратӣ муаррифӣ карда шуд.

**Дар ҷаласа гузориши котиби Шӯро** - Зафар Ҳисориев оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ дар водии Рашт шунида шуд. Қайд карда шуд, ки дар ин самт аз ҷониби мақомотҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Бобати муҳайё сохтани шароит ҷиҳати бунёди инфрасохтори туристӣ дар водӣ якчанд барномаҳо амалӣ гардида, бобати тарғиби маҳсулоти сайёҳии водӣ ва муаррифии онҳо намоишгоҳҳо ва форуму чорабиниҳои сатҳи баланд баргузор гардиданд. Сол то сол афзудани шумораи сайёҳон аз рушди ин соҳа маънидод гардид.

**Вобаста ба масъалаи дуюм** узви Шӯро Сайдалӣ Саидраҳмонов ва Юлдош Латифов натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳоро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои боғдорӣ, картошкапарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар водии Рашт муаррифӣ намуданд. Зикр карда шуд, ки дар водӣ барои ривоҷу равнақ додани ин соҳаҳо шароиту имконоти зарурӣ фароҳам буда, қабули як силсила қарору барномаҳои давлатӣ

барои рушди кишоварзӣ мусоидат намуд. Дар минтақа барои ба даст овардани ҳосили фаровону баландсифати меваю сабзавот ва асали хуштаъм, таъмини аҳолӣ бо ин маҳсулотҳо ва содироти он имкониятҳо мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин соҳаи мазкур ба ислоҳоти куллӣ ва фарогир ниёз дорад. Барои рафъи мушкилот ва ҳалли онҳо нақшаи чорабиниҳо ва маҷмуи тадбирҳо таҳия ва пешниҳод гардид.

Роҳбари Барномаи рушди бахши хусусии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Хартвиг Унгетум баромад намуда, оид ба нақши шарикони рушд дар гузаронидани таҳлил ва татбиқи тавсияҳо оид ба рушди бахши кишоварзӣ дар водии Рашт ибрози назар кард.

**Роҷеъ ба масъалаи сеюм** директори генералии Маркази техникию технологии муосири шаҳри Панҷакент Меъроҷиддин Худойбердиев оид ба фаъолити марказҳои техникию технологии ба инноватсия нигаронидашуда ва нақши он дар рушди истеҳсолоти миллӣ фикру мулоҳизоти хешро баён намуд.

Зикр карда шуд, ки марказҳои мазкур барои фаъолияти босамар ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар, таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармоягузорон ва бештар гардидани корхонаҳои истеҳсолии маҳаллӣ заминаи хуберо фароҳам меоварад.

Оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ дар водии Рашт ҳамраисони Шӯро, Раиси ноҳияи Ҷиргатол - Умедхоҷаи Зоир, Раиси ноҳияи Рашт – Қаноатшо Лоиқзода, Раиси ноҳияи Нуробод – Ҳасан Дӯстзода, Раиси ноҳияи Тоҷикобод - Ҳусейн Ализода ва Раиси ноҳияи Тавилдара - Ҳимматшои Ғайрат дар баромадҳои худ оид ба мушкилоти соҳаи кишоварзӣ ва роҳи ҳалли онҳо дар минтақа суханронӣ карда, фикру мулоҳизаҳои худро иброз намуданд.

**Нисбат ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа** аъзои Шӯро, директори ҶДММ «Орзу» Диловар Орзуев маълумот дода, масъалаи рушди савдои наздисарҳадӣ миёни ноҳияи Ҷиргатоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои ҳамсарҳади Ҷумҳурии Қирғизистонро ба баррасии ҷаласаи оянда Шӯро пешниҳод кард, ки он аз ҷониби ҳамаи аъзоёни Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.

Соҳибкорони водӣ дар муҳокимаи тамоми масъалаҳои баррасишуда, рушди соҳаи туризм, самтҳои соҳаи кишоварзӣ ва тақвият бахшидани фаъолият дар ин самт, масъалаиояндаи ҷаласаи Шуро фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамчунин намояндагони мақомоту идораҳои давлатӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

Дар хотимаи ҷаласа аз ҷониби Қодири Қосим - Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт ба масъулин ва намояндагони мақомоти ноҳиявии вазорату мақомоти дахлдор вобаста ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида, дастуру тавсияҳо дода, ҳамчунин санади ниҳоӣ қабул карда шуд.

## ҲАМОИШИ 5-УМ ОИД БА РУШДИ МУКОЛАМАИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ МИНЕРАЛӢ

Санаи 8-9 июни соли 2015 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ҷаласаи 5-уми Барномаи минтақавии муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар бахши «Захираҳои минералӣ барои рушди Осиёи Марказӣ» вобаста ба мавзуи «Шабакаҳои кластерӣ: восита барои инноватсия ва баландбардории рақобатпазирӣ» баргузор гардид.

Дар ҷаласа аз тарафи намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва коршиносони байналмилалӣ оид ба мавзуи мазкур гузориш ва муҳокимаронихо сурат гирифт.

Абдуҷаборов Н. Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муаррифномаро вобаста ба мавзуи мазкур манзур намуда, аз ҷумла қайд кард, ки дар як қатор бахшҳои иқтисодии Тоҷикистон имкони ҷорӣ намудани кластерҳо бо мақсади таъмини устувории бахши хусусӣ мавҷуд аст.

Иштирокчиёни ҷаласа, аз ҷумла коршиносони байналхалқӣ Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро, ки дар он масъалаҳои рушди бахши хусусӣ матраҳ мегардад, ҳамчун майдони муҳими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ карданд.

## ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲО БО ШАРИКОН ВА КОРҲОИ ТАРҒИБОТӢ ОИД БА НАТИҶАҲОИ ИСЛОҲОТ

Санаи 15-уми майи соли 2015 дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ вохӯрии роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Н.Абдуҷаборов бо роҳбарияти корхонаҳои бахши маъдан ва хӯрокворӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ лоиҳаи тавсияҳои гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои самоягузорӣ дар бахши саноат, аз ҷумла маъдан ва хӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Намояндагони ширкатҳои истеҳсолкунандаи маводи хӯрока ва коркард қайд намуданд, ки айни замон дастгирии давлатии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар самти фурӯши моли онҳо дар нуктаҳои фурӯши маводи хӯрокаи ҷумҳурӣ зарур аст.

Аз ҷониби ширкатҳои соҳаи маъдан низ як қатор таклифу пешниҳодот ҷиҳати ворид намудан ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид

ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ баён гардиданд.

Бо мақсади гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ислоҳоти беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ аз ҷониби Котиботи Шӯро корҳои муайян анҷом дода шуда, сомонаи интернетӣ ва саҳифаи Котибот дар шабакаи иҷтимоии Facebook фаъол мебошанд ва бо соҳибкорону сармоягузорон мунтазам вохӯриҳо гузаронида мешаванд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов – Роҳбари Котибот***
***Манучеҳра Мадҷонова – мушовири калони иқтисодӣ***
***Дилшод Одинаев – мушовири иқтисодӣ***
***Абдурауф Ҷураев – мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова – ёвари маъмурӣ***